آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

3 апрели соли 2021. Шанбе

№ 27 (14728)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МИНТАҚАИ НАЗДИ БАҲРИ АРАЛ – ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶӮҲИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРӢ

***Сафари мо ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз боздиду мулоқотҳои мо дар яке аз муассисаҳое шурӯъ шуд, ки дар айни замон мавриди таваҷҷӯҳи ҳукумат қарор гирифтааст. Ин муассисаи марбути Ташкилоти таълими томактабӣ “Маркази махсуси давлатии гуногунсоҳаи реабилитатсионии “Имкон”-и шаҳри Нукус мебошад. Сохтумони бинои он бо қарори Президент аз 16 августи соли 2018 роҳандозӣ шудааст.***
***Дар ин ҷо асосан кӯдакон ва наврасоне ба муолиҷа ва таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нуқсонҳои ҷисмонӣ ва равонӣ доранд. Ба манзури он ки онҳо аз шароити беҳтарину замонавӣ бархурдор бошанд, як бинои боҳашам ва комилан муҷаҳҳаз дар ихтиёри онҳо қарор дода шудааст.***



Гуфта мешавад, ки ин бино 120 кӯдаки нуқсондор ва имконияташон маҳдудро ба канори худ гирифтааст. Ба онҳо 134 нафар мутахассис, ки ҳудуди панҷоҳ дарсадашонро ходимони тиб ташкил медиҳанд, ҳамчунин омӯзгорону тарбиячиёни варзида нигоҳубин менамоянд.

– Маблағи барои сохтмони ин марказ ихтисосёфта 19 миллиарду 600 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Маркази реабилитатсионии “Имкон” масоҳати бештар аз як гектарро ишғол мекунад. Ҳамаи тарбиятгирандагони марказ кӯдакони аҳолии минтақаи назди баҳри Арал мебошанд, ки дар ҷисми онҳо нуқсонҳои ҷисмонӣ ва равонӣ мавҷуд мебошад, – мегӯяд директори марказ Нурсулӯ Худойбергенова.

Таъкид гардид, ки баъзеи онҳо нуқсонҳои равонӣ низ доранд. Ҷиҳати барқарории саломатии онҳо ва фаро гирифтанашон ба таълиму тарбия, ки меҳнати дучандро тақозо менамояд, як идда мутахассисони корозмуда сафарбар шудаанд.

– Дар маркази реабилитатсионӣ асосан ба таври муназзам кӯдакони аз 2 то 7-сола муолиҷа мешаванд ва таълиму тарбия мегиранд. То қабул ба маркази мазкур ҳар як кӯдак аз назорати ҷиддии комиссияи тиббӣ-равонӣ мегузарад. Ин муоина раванди хеле мураккаб ва заҳматталаб мебошад. Зеро баъзан лозим меояд, ки барои муайян намудани вазъи саломатӣ ва равонии як кӯдак мутахассисон борҳо вайро аз назорат гузаронанд. Ҳатто баъзан барои ба ин ҷо шомил намудани кӯдак, наврас ё синнаш калонтар шаш моҳ ё як сол сипарӣ мешавад. Танҳо баъди анҷоми чунин натиҷагириҳо бо муштарии нуқсондор мутахассисон машғул хоҳанд шуд, – иброз дошт Нурсулӯ Худойбергенова.



– Ман фарзанди нуқсондори панҷсолаамро ба ин маркази реабилитатсионӣ оварда будам. Вай тамоман роҳ рафта наметавонист. Ҳоло писарам роҳ рафтан дорад ва дидани ин манзараи гуворо ману шавҳарамро лолу ҳайрон намуд. Мутахассисони ин марказ барои барқарор намудани саломатии писарамон хеле заҳмат мекашанд. Илоҳо, ҳаргиз дасти пизишкони ин маркази шифобахш дардро набинанд, – мегӯяд бо ашки хурсандӣ модари ин кӯдак Задра Боева.

Ёдовар мешавем, ки маросими ифтитоҳи Маркази реабилитатсионии Нукус хеле бошукӯҳ баргузор шудааст. Дар он раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева, вазири таълими томактабӣ Агреппина Шин, намояндагони мактаби байналмилалии Донишгоҳи Гертсен, намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва амсоли он ширкат кардаанд.

Воқеъан, утоқҳои ин марказ бо услуби миллӣ сохтаву муҷаҳҳаз шудаанд. Кӯдакону наврасон аз синфи аудиёӣ, хонаи муолиҷаи ҳискунӣ, физиотерапия, массаж, машқҳои ҷисмонӣ, давокунӣ ба тарзи мусиқашунавонӣ ва афсонагӯӣ, ҳавзи оббозӣ ва амсоли он фаровон истифода мекунанд.

Дар марказ дастгоҳҳои замонавии реабилитатсионӣ мусоидат менамоянд, ки татбиқи барномаи хоси умумӣ ва инфиродӣ самараи бештар ба бор оварад ва вазъи саломатии кӯдакону наврасон зудтар барқарор гардад. Хоссатан, дар ин марказ зарфҳои аз лиҳози экологӣ тоза мавриди истифода қарор гирифтаанд.

– Як қатор таҷҳизоти ошхонаамонро аз Куриёи Ҷанубӣ дастрас намудем. Истифодаи ин таҷҳизот низ мусоидат мекунад, ки суръати барқарор намудани саломатии тарбиятгирандагони мо биафзояд. Ҳоло майдончаҳои автотест ва бозиҳои варзишӣ аз ҷойҳои дӯстдоштаи ин тарбиятгирандагон маҳсуб меёбанд, – зикр намуд директори Маркази реабилитатсионии Нукус Нурсулӯ Худойбергенова.

Дар айни ҳол ин маркази ягонаи реабилитатсионии Вазорати таълими томактабӣ дар саросари ҷумҳурии мо маҳсуб меёбад.

## Мӯйноқ – маркази маданият

Сафари мо ба ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба маросимҳои ифтитоҳи ду ташкилоти таълими томактабӣ рост омад. Тавре ки вазири таълими томактабии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Ҷумъагул Уснатдинова дар ин маросими тантанавӣ изҳор кард, яке аз ин боғчаҳо барои 60 нафар ва дувумӣ барои 100 нафар кӯдакони маҳаллӣ сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Ба гуфтаи вазир ин ташкилотҳои таълими томактабӣ дорои тамоми шароит мебошанд.

– Вақте ки Президент Шавкат Мирзиёев ба ноҳияи Мӯйноқ ташриф оварда, ин ҳарфҳоро ба забон оварда, ки вуҷуди ҳамаи моро ҳисси ифтихору ғурур фаро гирифт: “Маданият аз Мӯйноқ оғоз меёбад”. Дарвоқеъ, ман низ мехостам ташреҳу тафсири рушду нумӯъ ва корҳои созандагии ташкилотҳои таълими томактабии Қароқалпоқистонро маҳз аз он оғоз кунам, ки ҳар сол дар ин ноҳия кӯдакистонҳои наву замонавӣ сохта мешаванд. Ҳатто айни замон ба сохтани бинои нави кӯдакистонҳои дигар чандон зарурат боқӣ намондааст, – гуфт Ҷумъагул Уснатдинова.

Вай изофа намуд, ки чанде муқаддам дар ноҳияи Мӯйноқ ба таълими томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон ҳамагӣ 31 дарсадро ташкил мекард. Дар айни ҳол ин нишондиҳанда ба 97,7 расид. Муҳимтар аз ҳама, дар саросари ҷумҳурии паҳноварамон ин нишондиҳандаи баландтарин арзёбӣ мегардад.

– Мардуми Мӯйноқ дар шароити мушкилзои иқтисодиву экологӣ ба сар баранд ҳам, ҳамеша талош мекунанд, ки фарзандони онҳо аз шароити беҳтарину замонавӣ бархурдор бошанд. Ин намунаи баланди фарҳанги мардуми Мӯйноқро нишон медиҳад ва сарвари давлатамон низ маҳз ба ҳамин нукта таваҷҷӯҳи ҳамаро ҷалб намудааст. Забономӯзӣ, маданиятнокӣ ва пайдо кардани ҷойгоҳ дар ҷомеа барои ҳар як инсон маҳз аз ҳамин кӯдакистонҳо маншаъ мегиранд, – тазаккур дод вазири таълими томактабии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.

Боздид аз ин ташкилотҳои таълими томактабӣ, ки маросими ифтитоҳашро баргузор карда буданд, дурустии ин ҳарфҳои Ҷумъагул Уснатдинова тасдиқ гардид. Маълум шуд, ки барпо намудани ин кӯдакистонҳо бар пояи барномаи инвеститсионӣ сурат гирифтаанд. Ҷумъагул Уснатдинова дар як суҳбати хос ба мухбири “Овози тоҷик” гуфт, ки гурӯҳи 32-нафарии занону духтарони маҳаллие, ки дар “Дафтари занон” ва “Дафтари оҳанин” сабти ном шудаанд, дар ин кӯдакистонҳо ба кор таъмин карда шуданд.

– Танҳо дар ноҳияи Мӯйноқ 27 ташкилоти таълими томактабӣ фаъолият мекунанд ва аз ин шумор 17-то мақоми давлатӣ, 8-то мақоми оилавӣ ва 2-то мақоми давлату шарикиро касб намудаанд. Аз 2 ҳазору 403 нафар кӯдакон анқариб 98 дарсади онҳо дар ин кӯдакистонҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, – афзуд Ҷумъагул Уснатдинова.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Таҳлил*

# БО ҲУҶҶАТ БОРИ ДИГАР БА РЕШАИ БЮРОКРАТИЯ ТЕША ЗАДА ШУД

***23 март сарвари давлат ба фармон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба минбаъд фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми истифода аз хидматҳои давлатӣ, коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ дар ин самт» имзо кард.***

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки истилоҳи «коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ» дар фармон беҳуда истифода нашудааст. Ин санад баробари фароҳам овардани шароити мусоидтар барои истифодаи хадамоти давлатӣ бори дигар ба решаи бюрократия, ки то ҳол тамоми мушкилотро ба бор овардааст, теша мезанад.

Солҳои охир баъзе намудҳои иҷозатнома ва литсензия бекор карда шуданд. Мӯҳлати гузаштан аз тартибу таомули маъмурӣ хеле кам карда шуд. 28 намуди ҳуҷҷатҳои аз ҷониби маҳаллаҳо додамешуда бекор карда шуданд. Амалияи аз ҷониби мақомоти давлатӣ талаб кардани ин ҳуҷҷатҳо барҳам дода шуд. Пештар, шаҳрвандон ин маълумотномаҳоро ҳангоми пешниҳоди 69 намуди хидмат пешниҳод мекарданд. Танҳо дар соли 2019 зиёда аз 40 миллион чунин маълумотномаҳо дода шуда бошанд, дар соли 2020 ин тахлит пеши роҳи коғазбозиро пурра гирифт. Дар айни замон, 11 мақомоти коллегиалии байниидоравӣ, ки аҳамияти амалӣ надоранд, барҳам дода шуданд. Шумораи хидматҳое, ки тавассути марказҳои хидматрасонии аҳолӣ расонида мешаванд, имсол 20 адад афзоиш ёфта, дар маҷмӯъ 150 ададро ташкил дод. Дар соли 2017 танҳо ба соҳибкорон беш аз 170 000 хидмат расонида шуда бошад, дар соли 2020 аз ҷониби 204 маркази хидматрасонии давлатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ беш аз 8 миллион хидмати давлатӣ расонида шудааст.

Сарфи назар аз он, ки дар соҳа ин қадар корҳо анҷом дода шудаанд, ҳанӯз ҳам ҳолатҳое ҳастанд, ки ташкилотҳои давлатӣ, аксари мақомоти давлатӣ шаҳрвандонро дар асоси ҳамон расмиёти кӯҳна овора карда, аз онҳо ҳуҷҷатҳои коғазӣ пурсида сарсон мекунанд. Маҳз дар ин ташкилотҳои давлатӣ системаи мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аксарияти хидматҳои давлатӣ ба ҷойи қайди доимӣ, яъне прописка нигоҳ карда нишон дода мешаванд. Дар ин бобат овардани як рақамро ҷоиз донистем. Дар саросари ҷаҳон харöҷоти ба риояи қоидаҳои бюрократӣ сарфмешуда ба ҳисоби миёна 17-20 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида ин рақам 17 дарсадро ташкил медиҳад, ки маънои 3 триллион долларро дорад, дар кишвари мо ин нишондиҳандаи хурд нест. Ҷолиби диққат аст, ки соли 2020 дар саросари кишвар барои гирифтани шаҳодатнома бинобар бемории рӯҳӣ 411 000 ариза расида, аҳолӣ 2 миллиард сӯм сарф кардааст. Мувофиқи фармони имзошуда, аз 1 июни соли 2021 7 намуди сабти далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ, ба монанди таваллуд, издивоҷ ва талоқ, тағйири ном, фавт, муайян намудани падарӣ, фарзандхонӣ, аз назорати тиббӣ гузарондани шахсони издивоҷкунанда ва расмигардонии шиносномаи биометрии сафар ба хориҷи кишвар дар асоси тамоюли экстерриториалӣ, яъне соддатар ифода намоем, новобаста аз маҳалли бақайдгирӣ амалӣ гардонда мешаванд.

— Ин ба мо чӣ медиҳад? Он ба гирифтани пеши роҳи ба ҳисоби миёна соле сарсону саргардон шуда, ба идораҳои давлатӣ рафтани беш аз як миллион нафар одамон мусоидат мекунад, — гуфт сардори раёсати Вазорати адлия Бунёд Азизов. — Дар натиҷа, ба ҳисоби миёна, зиёда аз 20 миллиард сӯм маблағ дар аҳолӣ боқӣ хоҳад монд.

Бо фармон зиёда аз 130 расмиёти маъмурӣ содда гардонда шуда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ аз шаҳрвандон талаб кардани 18 намуди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар зиёда аз 450 ҳуҷҷати қонунгузорӣ пешбинишуда бекор карда мешавад. Дар натиҷаи ин амалиёт, ба ҳисоби миёна дар як сол овора шудани 1,5 миллион шаҳрванд пешгирӣ карда мешавад ва беш аз 22 миллиард маблағи онҳо сарфа хоҳад гардид. Ҳамин тавр, аз 1 июни соли равон, ҳуҷҷатҳое, ки далелҳои дар ҳисоби диспансери касалиҳои руҳӣ ё наркологӣ будан ё набудан, маҳкумият, иттилооти суроғавию маълумотномавӣ, дар номи шаҳрванд мавҷуд будан ё набудани манзили шахсӣ, майдони манзили зист, мавҷуд будан ё набудани қарзи андоз, ба қайди мақомоти давлатии андоз гирифтани андозсупорандаи инфиродӣ, миқдори нафақа ва кӯмакпулиҳо, дар рӯйхати гирандагони нафақа ва кӯмакпулиҳо будан ё набудан, бақайдгирии ақди никоҳ, набудани қайди никоҳ ё талоқро тасдиқ мекунанд, талаб карда намешаванд.

Ҳамзамон, талабот ба нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, шаҳодатномаҳои комиссияҳои коршиносони тиббӣ ва иҷтимоӣ, дафтарҳои меҳнатӣ ва нусхаҳои онҳо, музди меҳнат ва собиқаи корӣ, шаҳодатномаҳои бойгонӣ дар бораи маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, ҳуҷҷатҳои кадастрӣ ва нусхаҳои онҳо бекор карда мешавад.

Аҳамияти ҳаётан муҳими фармони имзошударо бо як мисол шарҳ додан мумкин аст, акнун ҳангоми ба мақомоти давлатӣ бо коре рафтани шаҳрванд акси ӯро талаб намекунанд. Барои маълумот, бо ин 24 миллиард сӯм маблағе, ки то ҳол онро ба ҳисоби миёна соле 1 миллиону 200 ҳазор нафар ҳамкишварамон масраф кардаанд, сарфа мегардад. Зеро ҳама маълумот дар бораи шаҳрванд дар пойгоҳи маълумотҳо нигоҳ дошта мешавад, ки тавассути ID корти ҷорӣ кардашуда ба даст оварда мешавад.

Тартиби гирифтани ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ тавассути платформаи «ҳукумати электронӣ» ҷорӣ карда мешавад.

— Ҳоло фармон таҷрибаи фиристодани ҳисобот ва нусхаҳоро ба Хадамоти давлатии омор аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор мекунад, — мегӯяд роҳбари Агентии хизмати давлатӣ Улуғбек Абдуллоев. — Ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи хидматрасонии давлатӣ дода мешаванд, бо гузоштани QR-штрих-код тартиб дода мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо, амалияи додани нусха низ барҳам дода мешавад.

Навоварии дигар ин расонидани ҳуҷҷатҳо бинобар натиҷаҳои 28 намуди хизматрасонӣ тавассути почта ба хонаҳои шаҳрвандон бо хоҳиши онҳо мебошад. Дар натиҷа, соле 22 миллиард сӯм маблағи 6-7 миллион нафар аҳолӣ сарфа карда мешавад. Навовариҳое, ки бо фармон ҷорӣ карда шудаанд, бояд ҳам барои андозсупоранда ва ҳам барои мақомоти андоз шароити иловагӣ фароҳам оранд. Дар айни замон, ба 22 миллион шахсони воқеӣ рақами мушаххаси андозсупоранда, яъне STIR дода шудааст. Меъёри пайваст кардани онҳо ба рақами мушаххаси шахсӣ 19 миллион, яъне 87 фоизро ташкил медиҳад. Яъне, минбаъд, ҳангоми додани ID-кортҳо ба шахсони аз 16-сола боло онҳо ҳамзамон ҳамчун андозсупоранда дар Хадамоти давлатии андоз ба қайд гирифта мешаванд. Дар низоми нафақаи ғунгарданда ба қайд гирифта мешаванд.

Дар натиҷаи дар як вақт расонда шудани ин хидматҳо соле ба оворагиҳои беш аз 300 ҳазор нафар хотима гузошта мешавад ва зиёда аз 4 миллиард сӯм маблағ дар ихтиёри аҳолӣ мемонад.

**Нурулло НАСРИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИЕ, КИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ ШЎРОИ ТУРКӢ ПЕШ ГУЗОШТ, ҶИҲАТИ МУНТАЗАМ ВА РЎЗМАРРА ДОРАНД

**Ҳамоиши ғайрирасмии Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон (Шӯрои туркӣ), ки 31 март дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд ва суханронии пурмазмуни Президент Шавкат Мирзиёев дар он боиси эътибори сиёсатмадорони хориҷӣ, намояндагони коршинос ва ҷомеаи тиҷоратӣ гардиданд.**

**Раиси иттиҳодияи тиҷоратии куриёиву ӯзбекистонӣ, собиқ депутати парлумони Ҷумҳурии Куриё Ким Ёнг Гу** чунин мешуморад, ки ҳамоиши онлайнии ғайрирасмии Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон барои вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи тарафайни кишварҳое, ки таърихан бо риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ иртиботи зич доранд, аҳамияти муҳим касб мекунад.



– Қайд кардан хурсандиовар аст, ки бо вуҷуди муддати кӯтоҳ, аз соли 2019 Ӯзбекистон узви комилҳуқуқи Шӯрои туркӣ гардид, мамлакат муносибатҳояшро бо тамоми аъзои созмон бинобар самтҳои мухталиф, ки ҷонибҳо аз онҳо манфиатҳои тарафайн доранд, мунтазам инкишоф медиҳад, – гуфт Ким Ёнг Гу. – Ба ин маънӣ бояд гуфт, ки ташаббусҳои пешниҳодкардаи Президент Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиш, ки татбиқсозии онҳо, аз нуқтаи назари ман, барои муваффақ шудан ба мақсадҳое, ки дар назди созмон бинобар таҳкими эътимод ва рушди ҳамкориҳои муфиди тарафайн истодаанд, такони иловагӣ мебахшад.

**Доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишкадаи тадқиқоти Осиёи Марказии Донишгоҳи забонҳои хориҷии Хангук Ким Санг Чхол (Ҷумҳурии Куриё)** таъкид намуд, ки роҳи ошкоро, пурмазмун ва дурандешонаи Президент Шавкат Мирзиёев барои бунёди муносибатҳои муҳими Ӯзбекистон бо кишварҳои Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон, дар муддати хеле кӯтоҳ дар байни сарони кишварҳои ШҲДТ сазовори эҳтиром гардиданд.



Бинобар суханони коршинос Президенти Ӯзбекистон дар ҳама гуна ҳамоишҳои байналхалқӣ масъалаҳои рӯзмарраро ба миён мегузорад. Аз ҷумла, ташаббуси роҳбари ҷумҳурӣ дар чараёни ҳамоиши ғайрирасмии ШҲДТ бинобар барқарор кардан ва инкишоф додани савдо, сармояҳо, саноат, рафтуои нақлиётӣ дар шароитҳои нав, ҳамаҷониба ҷорӣ кардани тиҷорати электронӣ ва технологияҳои рақамӣ, ҳамчунин истифодаи комили имкониятҳои доираҳои корчаллонӣ ва ҳамкории байнимитақавӣ ба манфиати тамоми давлатҳо – аъзои Шӯрои туркӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ғайр аз ин яке аз масъалаҳои рӯзмарратарине, ки аз ҷониби Ӯзбекистон дар ҳамоиши ғайрирасмӣ ба миён гузошта шуд, масъалаи коркарди стратегияи ҳамкорӣ бинобар нарм сохтани оқибатҳои манфии бӯҳрони ҷаҳонӣ аз таъсири пандемия ба шумор меравад.

**Сиёсатшинос Марат Қазоқбоев (Қирғизистон):**



– Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ бори дигар фаъолнокӣ ва ташаббускорӣ намоиш дод, ба иштирокдорони ҳамоиш вусъат додани шарикии бисёрҷанбаро дар соҳаҳои савдову иқтисодиёт, сармояҳо, нақлиёту коммуникатсияҳо ва маданиву башардӯстиро пешниҳод намуд.

Президенти Ӯзбекистон таклиф кард, ки Бонки рушди Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон ташкил карда шавад. Ғайр аз ин ҳоло муҳимияти рушди иқтидори нақлиётиву транзитӣ меафзояд. Татбиқ сохтани лоиҳаҳои бузург дар соҳаи мазкур ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва умуман тамоми олами турк имкон медиҳад ҷуғрофияи савдо вусъат пайдо кунад.

Ташаббусҳои байналхалқии Президенти Ӯзбекистон пешгузошта ҷиҳати мунтазам ва рӯзмарра доранд. Таклифҳои мазкур барои коркарди амалиёти муштарак дар сатҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ, бо назардошти он ки солҳои охир Ӯзбекистон бо суръати баланд инкишоф меёбад ва кишварҳои дигари минтақаро аз пайи худ мебарад, аҳамияти махсус дорад.

Бинобар ақидаи **котиби генералии Иттиҳодияи шарқшиносони Испания, профессори Донишгоҳи мухтори Мадрид Хесус Ҳил Фуэнсент** «даъватҳои Президент Шавкат Мирзиёев бобати муваффақ шудан ба мақсад ва муоҳидаҳои умумии кишварҳои аъзои ШҲДТ хеле муҳим ва саривақтӣ ба шумор мераванд.



– Фикр мекунам, дар шароити пандемия сайёҳӣ ҳамчун ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳим ба шумор меравад, ки Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон бояд ба он эътибор диҳанд ва саъю кӯшишҳои умумии худро, бахусус дар замони кунунии номуайяни миқёси ҷаҳонӣ равона кунанд, – гуфт коршинос. – Ба ин маънӣ Президенти Ӯзбекистон хеле дақиқ ва равшан изҳор дошт, ки пешбурди лоиҳаҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоявӣ ва нақлиётиву коммуникатсионӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии эпидемиологӣ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Таклифи фаъолона вусъат додани шарикии бисёрҷанба, ки Президент Шавкат Мирзиёев барои баррасии Шӯро пешниҳод намуд, ба ҷомеаи байналхалқӣ, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои мушкил ҳам дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи иҷтимоиёт нигаронида шудаанд, огоҳӣ медиҳад.

**Мудири кафедраи тадқиқотҳои байналхалқӣ ва стратегии Донишгоҳи Малая Рой Энтони Роҷерс** (Малайзия) қайд кард, ки ШҲДТ сохтори самарабахши минтақавӣ ба шумор меравад ва ба рушди амалии ҳамкориҳои тарафайни кишварҳои туркизабон, пеш аз ҳама, дар самтҳои савдо, сармояҳо, инноватсияҳо, нақлиёт ва сайёҳӣ, ҳамчунин дар соҳаи табодули фарҳангиву башардӯстӣ мусоидат менамояд.



– Ман бо муҳтавои суханронии Президент Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши ШҲДТ ҳамаҷониба шинос шудам, – қайд кард Энтони Роҷерс. – Ӯзбекистон кишвари худкифӣ ба шумор меравад, вай дар байни кишварҳои туркизабон захираҳои зарурии сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар ташаббусҳои муҳиме, ки сарвари давлати Ӯзбекистон пеш гузошт, аз ҷумла рушди шабакаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ, тезондани ҷорӣ кардани тиҷорати электронӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байниминтақавӣ амалан ба рушди минбаъдаи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявии байни давлатҳои созмон дар даврони пандемия мусоидат менамоянд. Муътақидам, ки суннатҳои умумии маънавӣ, риштаҳои ҳамкорӣ ва шабоҳати забонии халқҳои турк, бешубҳа, ба таҳкими эътимоди тарафайн ва ҳамкориҳои муфиди минтақавии байни давлатҳои аъзои Шӯро хидмат мекунанд.

**ОИ «Дунё».**

*Нуқтаи назари депутат*

# ОБОДӢ АЗ ДИЛ САР МЕШАВАД

Аз қадимулайём мардуми мо ба ободониву кабудизоркунӣ диққати махсус медоданд. Албатта, нақши ҳамҷиҳативу ваҳдат, ки ба халқи мо хос аст, дар татбиқи ин корҳои хайр бузург аст. Чор сол аст, ки чунин арзишҳои халқи мо таҳти сарварии роҳбари давлатамон дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» ҳамҷиҳатона бо ҳамватанонамон амалӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи татбиқи ин барномаҳо дар ҳаёти мо ҳазорон деҳаҳо ва маҳаллаҳои ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ обод гардонда шуда, намуди замонавӣ пайдо мекунанд.

Хусусияти ба худ хоси ин барномаҳои ба Ӯзбекистони нав хос, дар он аст, ки на танҳо нуқтаҳои аҳолинишин, шабакаҳои хидматрасонии ҳудудҳои дурдаст аз нав бунёд мегарданд, балки ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии ҳамватанони мо, ки дар ин деҳаҳо зиндагӣ мекунанд, низ тағйир меёбад. Дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» ташаббусҳои ҳазорон ҷавонон ва занон, ки мехоҳанд фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ монанд, дастгирӣ карда шуда, ҷойҳои нави корӣ бо музди меҳнати муносиб созмон дода мешаванд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар замоне, ки аз сабаби пандемияи ҷаҳонӣ кишварҳои ҷаҳон бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронанд, дар мамлакати мо корҳои дар ин самт оғозёфта идома доранд. Аз ҷумла, 24 март дар ҷамъомади видеоселекторие, ки таҳти раёсати Президент оид ба баррасии корҳое, ки дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» дар соли 2021 анҷом дода мешаванд, маълумоти муфассал дода шуд.

Аз ҷумла, дар соли 2021 325 деҳа ва 71 маҳаллаи вазъи иҷтимоию иқтисодиашон вазнин обод карда мешаванд. Барои сохтмон ва таъмири шабакаҳои оби нӯшокӣ ва барқ, роҳҳои дохилӣ ва иншооти иҷтимоии ин маҳаллаҳо 3 триллиону 300 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Ғайр аз ин, барои таъмири зиёда аз 10 ҳазор километр роҳҳои дохилии 2 721 маҳалла 2 триллион сӯм, барои кашидани зиёда аз 4000 километр шабакаҳои оби нӯшокии 500 маҳалла 1 триллион сӯм равона карда мешавад. Яке аз мушкилоти имрӯзаи аҳолӣ азнавсозии 15 000 километр хати интиқоли барқ ва беш аз 4000 трансформатор дар 5 377 маҳалла бо мақсади беҳтар намудани таъминоти барқ мебошад. Ин маънои 60 фоизи маҳаллаҳои мамлакатамонро дорад. Барои ин тадбирҳо қариб 2 триллиону 100 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Дар иҷрои ин кор ба масъалаи бо кор таъмин кардани ҳамватанони мо, ки дар деҳаҳои дурдаст ва маҳаллаҳо зиндагӣ мекунанд, диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ, ба нақша гирифта шудааст, ки барномаҳои «Деҳаи обод» ва « Маҳаллаи обод» - ро бо барномаҳои соҳибкорӣ ва шуғл пайваста, 500 ҳазор ҷавон ва 200 ҳазор занро бо ҷойи кор таъмин карда, 300 ҳазор нафар аҳолии ба «дафтари оҳанин» воридкардашуда аз сафи камбизоатҳо бароварда шаванд.

Бо ин мақсад имсол барои Барномаи «соҳибкории оилавӣ» 9 триллион сӯм маблағ равона карда шуда, дар 128 маҳалла ба ивази 1 триллион сӯм маблағ минтақаҳои хурди саноатӣ таъсис дода мешаванд.

Инчунин дар барномаҳо чорабиниҳои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ муайян гардида, дар доираи барномаи «Деҳаи обод» дар 379 мактаб, 171 муассисаи томактабӣ ва 161 муассисаи тиббӣ, дар доираи барномаи «Маҳаллаи обод» дар 57 мактаб, 37 кӯдакистон ва 15 муассисаи тиббӣ корҳои сохтмонӣ ва таъмирӣ анҷом дода мешаванд.

Ваколати назорати корҳо дар ин самт, муайян кардани деҳаву маҳаллаҳое, ки ба барнома дохил карда мешаванд, пурра ба зиммаи Шӯроҳои маҳаллӣ дода мешаванд. Ба зиммаи намояндагони халқ гузоштани ин вазифа бошад, аз мо – депутатҳо масъулияти баландро талаб мекунад. Минбаъд ҳар як намояндаи халқ корҳоеро, ки дар доираи барнома дар ҳавзаҳои интихоботии худ амалӣ мешаванд, назорат карда, бинобар иҷрои онҳо дар ҳар семоҳа ҳисоботи масъулинро мешунаванд.

**Махфират ХУШВАҚТОВА,**
**узви фраксияи ҲСД «Адолат»**
**дар Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**




*Дар деҳаи Ширмонбулоқи ноҳияи Булоқбошии вилояти Андиҷон маскани нави хусусии табобат, ки ба кулли талаботи замон мувофиқат мекунад, сохта ба истифода супурда шуд.*

*Дар муассисаи нави тиббӣ 10 нафар бо кори доимӣ таъмин гардиданд.*

***Дар сурат:** маскани нави табобат.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# МИНТАҚАИ НАЗДИ БАҲРИ АРАЛ – ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶӮҲИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

кору зиндагиашонро маҳз ҳамин ҷо идома диҳанд, – мегӯяд хушҳолона сокини ин шаҳрак Азамат Бекмуродов.

Ба таъкиди вазири таълими томактабии Ҷумҳурии



Қароқалпоқистон дар ин кӯдакистонҳо 230 нафар омӯзгор машғул ба кор ҳастанд, ки 60 нафари онҳоро кадрҳои дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд. Аз зумраи кормандони кӯдакистонҳо боз 16 нафар занону духтарон дар мактабҳои олӣ аз рӯи тахассус таҳсил мекунанд. Ҷумагул Уснатдинова гуфт, ки ин занону духтарони маҳаллӣ дар арафаи супурдани имтиҳонҳои давлатӣ мебошанд ва ба наздикӣ соҳиби диплом хоҳанд шуд.

– Агар гӯем, ки барои кӯдакистонҳои соири вилоятҳои ҷумҳурии паҳноварамон тарзи кори ходимони ташкилотҳои таълими томактабии ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистонро ҷиҳати фарохонии кӯдакон ба кӯдакистонҳо ҳамчун намуна бояд муаррифӣ кард, ҳаргиз муболиға нахоҳад шуд. Аммо барои он ки ба дурустии ин ҳарфҳои мо эътимод ҳосил намоянд, дар шаҳраки Мӯйноқ семинарҳо ташкил хоҳем кард ва дар ин семинарҳо таҷрибаи ходимони кӯдакистонҳои ҳамин минтақа оммавӣ карда хоҳад шуд, – гуфт сухангӯи Вазорати таълими томактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Мавлуда Асқарҳӯҷаева.

Ногуфта намонад, ки дар зарфи ду соли охир шаҳраки Мӯйноқ хеле ободу зебо шудааст. Барпо шудани осорхонаи табиат, биноҳои боҳашами кохи фарҳанг, қабулхонаи халқ, амфитеатр, варзишгоҳҳо ва иморатҳои маъмуриву истиқоматӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шаҳраки Мӯйноқ комилан намои худро тағйир додааст.

Роҳҳои дохилӣ мумфарш гардидаанд, истгоҳҳои замонавӣ роҳгузаронро аз боду борон ва офтоб эмин медоранд. Роҳравҳои ду самти роҳ низ ба талаботи имрӯза ҷавоб медиҳанд.

– Одамони зиёд аз ин минтақа ба ҷойҳои дигар кӯч бастанду рафтанд. Аммо як қисми ин одамон ба аёдати пайвандони худ омадаву ободу зебо шудани Мӯйноқро бо чашмони сар дида, орзуи баргаштанро доранд. Онҳо эҳсос мекунанд, ки ба ин Ватани кучаки худ баргарданд ва бешак, дили ҳар муштарии худро ба риққат меоваранд.

Аз осорхона бо табъи гирифта берун шудем ва ба баландии тақрибан бистметрӣ омадем, ки соҳили кайҳо хушкида мисли каф ба назар менамуд. Баъд тавассути зинаҳо оҳиста ба поён фаромадем ва ҳамон манзараи мудҳиш, ки дар аксҳо дидаем ва аз рӯзномаҳо хондаем, пеши назар ҷилвагар шуд.

### 3. “Қабристони киштиҳо”-и Мӯйноқ

Қабл аз он ки ба сӯи Нукус баргардем, чанд соат дар ихтиёр доштем ва ин вақтро ба дидани “Қабристони киштиҳо” сарф намудем. Вақте ки аз мошин берун шудем, қабл аз он ки манзараи ҳузновари соҳилҳои садҳо километр хушкидаи баҳри Аралро тамошо кунем, аз осорхонаи экологии Мӯйноқ боздид кардем.

Дар ин осорхона ҳолати баҳри Арал дар солҳои 80-уми қарни гузашта, ҳолати соли 2008 ва соли 2018 акси худро ёфтааст. Ҳар як тамошобини суратҳо ва ашёи ба намоиш гузошташуда нақл мекард, ки қаблан дар ин муҳит кадом паррандаву даррандаҳо ва хазандаҳо зиндагӣ мекарданд, моҳидорон ба сайди кадом намуди моҳиҳо машғул мешуданд. Кас метавонад тавассути осорхона ба саволи чаро имрӯз соҳили баҳри Арал куллан сокин ва беодам мондааст ва амсоли он ҷавоб пайдо кунад.

Дар осорхона банкаҳои консервкардашудаи моҳиҳои гуногунро низ дидан мумкин аст, ки як замон корхонаи консервбарори машҳури Мӯйноқ истеҳсол менамуд. Қуҳои сафед низ макону манзалати доимии худро баъди хушк шудани оби баҳр кайҳо батамом тарк кардаанд. Баъзе ашёи осорхонаи экологии Мӯйноқ аз ин ҳодисаи ҳузнангез низ дарак медоданд.

Дар “Қабристони киштиҳо” ҳашт киштии хурду бузург меистод. Аз ин киштиҳо танҳо қабурғаҳои холӣ боқӣ монда буд. Таҷҳизоти дигари онро шояд ба ғорат бурдаанд ва ё ба ҳайси оҳанпора дар ивази пулситонӣ бурда супурдаанд.

– Ин киштиҳо замоне барои моҳидорон хидмат мекарданд. Ҳамчунин одамони зиёд метавонистанд ба ин киштиҳо савор шуда, баҳри Аралро саёҳату тамошо кунанд. Аммо акнун мебинед, ки аз ин киштиҳо ғайр аз як пораҳои калони оҳан чизи дигар боқӣ намондааст, – гуфт роҳбалади мо, сухангӯи Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Азамат Аҷимуротов.

Вай афзуд, ки чунин киштиҳои зери барфу борон ва офтоб харобшуда каме дуртар аз ин ҷо низ боқӣ мондаанд. Барои он ки кас то соҳили баҳри Арал расонад, ҳадди ақал бояд 250 километр роҳ тай кунад, аммо ҳоло тавассути автобус ё мошинҳои сабук аз ин ҷо то соҳили баҳри Арал расидан мушкил аст. Ба гуфтаи Азамат Аҷимуротов мошинҳои баланду бақувват қодиранд, ки хоҳишмандонро то соҳили баҳр расонанд.

– Аммо ин масофа низ зуд тай намешавад, зеро роҳ ҳамвор нест ва ин сафар муддати дарозро тақозо менамояд, – таъкид намуд Азамат Аҷимуротов.

Ҳар қадом дар назди ину он киштӣ чанд намуд акс гирифтем. Баъд дубора ба ҳамон баландӣ баромадем, ки ҳарчи зуд аз тамошои ин манзараи ҳузнангезу риққатовар бигрезем. Воқеъияти ҳол нишон медод, ки инсон ба далели ба даст овардани миллионҳо тонна пахта, обёрӣ кардани заминҳои навкорам Арал барин баҳрро ҳам хушконида метавонистааст.

— Мегӯянд, ки дар таърихи мавҷудияти худ баҳри Арал се бор хушк шудаву дубора пайдо шудааст. Аммо ин гуфтаҳо то чи андоза ҳақиқатанд ё бофтаҳои хаёлӣ, ба мо маълум нест, – гуфт як ҳамсафарам аз табори қароқалпоқҳо, ки дар яке аз нашриёҳои марказӣ фаъолият мекард.



Дар дил орзу кардам, ки баҳри Арал дубора домани соҳилҳои худро то шаҳраки Мӯйноқ тавсеа диҳад ва ин ҷо ҳамон манзараҳои қаблӣ дубора арзи вуҷуд кунанд. Чунки “Орзуро айбе нест” гуфтаанд дар урфият.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири махсуси**
**“Овози тоҷик”.**

*ТОШКАНД – НУҚУС – МӮЙНОҚ – ТОШКАНД.*

## ХАБАРҲО

### Вохӯрӣ бо ҷавонон

***Дар ҷамъияти саҳҳомии «Истгоҳҳои барқии гармӣ» таҳти шиори «Ӯзбекистони навро якҷо бо ҷавонон барпо менамоем» вохӯрӣ дар мавзӯи «Роҳбар ва ҷавонон» баргузор гардид.***

Чорабинӣ ба таъмини иҷрои як қатор ташаббусҳое нигаронида шуд, ки аз нутқи роҳбари давлат дар вохӯрӣ бо ҷавонони Ӯзбекистон (25 декабри соли 2020) ва нуктаҳо дар Барномаи давлатии «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ» баромада меоянд.

Дар ҶС «Истгоҳҳои барқии гармӣ» низ ҷавонони зиёд фаъолият мебаранд, гуфта шуд дар вохӯрӣ, ба ғоя ва ташаббусҳое, ки онҳо пеш мегузоранд, эътибор нигаронида ва оиди дастгирии ташаббусҳои иҷтимоиашон вазифаҳо муайян карда мешаванд.

Роҳбарияти ҶС ИБГ назди худ мақсад гузоштааст тавассути ин гуна чорабиниҳо иштироки боз ҳам фаъолонаи кадрҳои ҷавон дар ҳаёти ҷамъиятиро таъмин созад, барои иқтидори худро намоиш додани онҳо шароитҳои қулай фароҳам оварад.

Дар доираи вохӯрӣ бо мақсади аз наздик шинос кардани мутахассисони ҷавони соҳа бо лоиҳаҳои самти энергетикӣ сафарбарсозии онҳо ба Истгоҳи барқӣ-гармии Тошканд ва барои вакилони ВАО пресс-тур ташкил карда шуд.

### Ҳаракатҳои ба қонун хилоф

***Дар ҷараёни шадиди ҷаҳонишавӣ хурӯҷҳои хабарӣ торафт авҷ мегиранд. Мутаассифона, баъзе ҷавононе, ки мавқеи ҳаётӣ ва тафаккури диниашон ҳанӯз ташаккул наёфтааст, фирефтаи ҳар гуна даъватҳои иғвогарона шуда, барқарории иҷтимоиро халалдор месозанд.***

Чунончи, 28 март як гурӯҳ ҷавонон ба хиёбони Амир Темури пойтахт ҷамъ омаданд ва таври худ ба масъалаи ЛГБТ, ки воқеан ҳам ба қонунгузорӣ ва арзишҳои маънавию дини муборақи мо носозгор аст, эътироз баён намуданд. Онҳо ба ҳиссиёт дода шуда буданд, шояд намедонистанд, ки ба даъватҳои ғаразноки ифротӣ дода шуда, тартиби ҷамоатиро вайрон кардан, таври худ ба киҳое ҷазо додан, ба рӯҳияти аҳолӣ таъсир расондан ҷиноят мебошад.

Назар ба таъкиди роҳбари хидмати ахбори ВКД Ш.Ғиёсов аз ҷониби мақомоти ҳуқуқу тартибот бетартибиҳо дарҳол бартараф, шахсоне, ки ба қонуншиканӣ ва гумроҳии ҷавонон сабабгор шудаанд, дастгир гаштанд. Мувофиқи моддаҳои дахлдори КД Ҷумҳурии Ӯзбекистон парвандаи ҷиноӣ кушода ва тафтишот пеш бурда мешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

# СОҲИБКОРЗАНҲОИ ФАРҒОНӢ

***Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолияти кишвар дар Конститутсия ва қонунгузории мо устувории мулки хусусӣ сабт ва кафолатҳои боварноки он таъмин гашт. Ғайр аз ин як қатор механизмҳои қонунгузорие офарида шуданд, ки ба ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон нигаронида шудаанд ва онҳо сол то сол такмил ёфтанд. Вале маҳз тӯли се-чаҳор соли охир дар ин самт дигаргуниҳои куллӣ ба чашм расида, муҳимаш, барои соҳибкор шудани ҳама ва ҳар кас имкониятҳо фароҳам омаданд. Занону духтарон низ дар ин боб маҳорат санҷида, ба чӣ қодир будани худро нишон медиҳанд.***

Эргашой Турсунова 55-сола аст. Собиқаи 30-солаи педагогӣ дорад. Баробари омӯзгорӣ ба соҳибкорӣ шуғл меварзад. Айни замон вай директори мактаби таълими умумии рақами 38-уми ноҳияи Бувайда. Дар ин дабистон 950 нафар хонандагон таълиму тарбия мегиранд, 80 нафар омӯзгорон дарс медиҳанд. Назар ба таъкиди роҳбари мактаб 25-30 фоизи хатмкардагон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил мешаванд.

Барои толибилмони пешқадам курсҳои репетиторӣ ташкил ва мониторинг ба роҳ гузошта шудааст. Толори варзишӣ ва китобхона бачаҳоро ба худ мекашад, духтарон аз асрори дӯзандагӣ воқиф мегарданд. Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Эргашой 2 боғчаи хусусӣ ташкил намудааст. Дар боғчаҳо барои 150 ҷой бештар аз 30 ҷойи корӣ ташкил карда шудааст.

Э.Турсунова бо кӯмаки шавҳар ва фарзандонаш хоҷагии фермерии «Ойбек Шоҳрух саховати»-ро ташкил намудааст, ки 70 гектар майдон дорад, 20 сар моли наслнок парвариш менамояд.

«Як марду чил ҳунар» мегӯянд дар урфият. Имрӯз «маликаҳои чил шаҳри ҳунар» ёфт мешаванд. Дигар аз соҳибкорзанҳо роҳбари хоҷагии фермерии «Акмалҷон Мадмӯсоев»-и ноҳияи Қува Эъзозхон Мадмӯсоева. Ӯ соҳиби 60 гектар майдони кишт буда, дар 37 гектар ғалла, дар 23 гектар пахта парвариш ва ҳар сол нақшаҳоро барзиёд ба иҷро мерасонад. Дар хоҷагӣ 43 нафар меҳнат мекунанд. Баъди ғунучини гандум ба 24 нафар ҷавонон замин тақсим карда мешавад, то истифода баранд. Дар майдонҳои аз ғалла тозашуда мош парвариш ва ҳосили дуюм низ даромади хуб меорад.

Соли 2020 Э.Мадмӯсоева дар миқёси вилоят чун фермерзани аз ҳама фаъол эътироф гашт, ҷоизадори «Мӯътабар аёл» гардид. Вай мегӯяд нақшаҳои мо дар соли равон кушодани сехи бофандагӣ, рушди чорводорӣ, истифода аз гармхонаҳо. Нақшаҳо амалӣ гарданд, 18 ҷойи нави корӣ ташкил карда мешавад.

Оилаҳои камтаъмин ва ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷро Э.Мадмӯсоева ҳамеша хабар мегирад, дасти ёрӣ дароз мекунад.

Фарғонагиён Гулшаной Фозиловаро ҳамчун дӯзандаи дасташ гул ҳурмат менамоянд. Вай соли 2018 узви иттиҳодияи занони соҳибкор гардид. Ҳамон сол 48 миллион сӯм вом гирифт ва бо 8 мошини дарздӯзӣ ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин ҷараён 10 ҷойи корӣ ташкил кард. То соли 2020 ба сифати соҳибкори хурд фаъолият карда бошад, баъде қомат рост кард, ба кушодани корхонаи оилавӣ ҷуръат намуд ва коргарҳо ба 20 нафар расиданд. Анъанаи «устодӣ-шогирдӣ» ба роҳ гузошта шуд. Шахсан худаш ба якчанд бону нозукиҳои дӯзандагиро омӯзонд. Барои он ки онҳо мустақилона кор сар кунанд, кӯмак намуд.

Ба соҳибкор Г.Фозилова аз ҷониби шуъбаи вилоятии Федератсияи иттиҳодияҳои касаба 130 миллион сӯм кредити бефоиз ҷудо карда шуд. Дар натиҷа вай соҳиби бинои алоҳида гашт. Аз ҳисоби худ бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳалларо таъмир кунонд. Ҳоло бисёр занону духтарон аз Қува, ки соҳибкор шуданианд, ба Гулшаной муроҷиат ва аз кӯмаку маслиҳатҳояш баҳраманд мешаванд.

Г.Фозилова ният дорад маҳсулоти худро ба хориҷ экспорт намояд. Дар ин самт ӯро роҳбарони секторҳо дастгирӣ месозанд. Умуман, аз имкониятҳое, ки фароҳаманд, соҳибкорзани қувагӣ самаранок истифода менамояд.

Ба хоҷагии фермерии «Ихтиёр СМИК», ки соли 2002 бо 2 гектар замин фаъолияти худро оғоз намуда буд, ҳоло Муътабар Аҳмадова роҳбарӣ менамояд. Хоҷагӣ даставвал ба боғдорӣ махсусонида шуда бошад, баъд бо саъйи роҳбари он соҳаҳои дигари истеҳсолиро низ фаро гирифт. М.Аҳмадова дар лоиҳаҳои гуногун иштирок ва муваффақ гардид. Майдонҳои хоҷагӣ имрӯз ба 250 гектар расидааст. Дар хоҷагии фермерии бисёрсоҳа аз пахта, ғалла, сабзавот ҳосили дилхоҳ ба даст меояд. Чорводорӣ низ сердаромад аст. Дар ин ҷо 84 нафар меҳнат мекунанд. Ба кӯмаки онҳо 10 техникаи гуногун ҳамеша омода. Эътиборан аз соли 2019 нақшаҳои солона барзиёд ба иҷро мерасанд.

Имсол аз Олмон 30 сар моли наслдеҳ оварда шуд, чорвои калони шохдор ба 110 сар расид.

Дар шароити пандемия маҳсулоти озуқаворӣ – гӯшт, шир ва сабзавот ба камтаъминҳо ба сифати кӯмак тақсим карда шуд.

Умуман, дар рушди соҳибкорӣ, минҷумла, аз ҳар ҷиҳат худро намоён сохтани хоҷагиҳои фермерӣ бонувон низ дар вилояти Фарғона саҳми муносиб мегузоранд. Дар натиҷа рӯзгор обод, тарзи зисти одамон дигаргун мегардад.

**Рустам МАМАҶОНОВ.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# БОҒҲОИ АМИР ТЕМУР БАРҚАРОР МЕШАВАНД

***Самарқанди бостонӣ на танҳо бо ёдгориҳои таърихӣ, инчунин бо чорбоғҳояш машҳур аст. Бояд таъкид намуд, ки Соҳибқирон пас аз пойтахти худ эълон кардани Самарқанд 14 боғро бунёд намуд, ки то ҳол ҳастанд. Пас аз соҳибистиқлол гардидан ва эҳё гардидани номи Амир Темур боғҳои ӯ низ обод мегарданд.***

Ва ба ин кори хайру нек саҳми шӯъбаи самарқандии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии боғдорӣ, ангурпарварӣ ва машруботи ба номи академик Маҳмуд Мирзоев хеле калон аст.

Агар кас тавассути шоҳроҳи Тошканд – Шаҳрисабз ноҳияи Самарқанду Ургутро убур намояд, диққати ӯро боғу токзорҳои ду тарафи шоҳроҳ ба худ мекашад. Вале замоне ин ҷойҳо ҷангалзору қамишзор буда, дар рӯзи равшан шағолу рӯбоҳ ва дигар ҳайвонҳои ваҳширо дидан мумкин буд.

Қарори ҳукумат доир ба обод кардани заминҳои бекорхобида эълон шуду мардум, ба қавле, «ихтиёрӣ-маҷбурӣ» кӯч бастанд, ки амри ҳукуматро иҷро намоянд. Яке аз муҳоҷирон оилаи Мавлонбобо Ҳайдаров буд, ки ба ин манзил омад. Азбаски сарпаноҳ надошт, таҳтӯла кофт, то аз барфу борони зимистон ва офтоби сӯзони тобистон паноҳ ёбад. Ҳоло марди шарифи 80-сола таърихи зиндаи пажӯҳишгоҳ аст.

Воқеан, ҳар гоҳ ба шӯъбаи самарқандии пажӯҳишгоҳ ташриф оварем, ҳатман мӯйсафедро зиёрат мекунем. Ин дафъа низ ҳамин тавр шуд. Вай болои кат нишаста ғарқи мутолиа буд. Аз дидори меҳмонон хурсанд шуд.

– Имсол табиат «нағма»-ҳои нофорами худро намоиш дод, – бо ҳасрат лаб кушод Мавлонбобо пас аз саломуаҳволпурсӣ. – Дар чиллаи зимистон ҳаво гарм шуда, зардолу, бодом, олу гул кард. Сипас боз нобаҳангом барф бориду гули дарахтҳоро зад. Аз байн як моҳ нагузашта боз зимистон омад.

Пирамард хомӯш монд ва маҳзун сӯйи тиреза нигарист. Авзояш тағйир ёфт. Пас аз лаҳзаи хомӯшӣ боз суханашро идома дод:

– Пандемия ба талафоти зиёд сабаб шуд, – бо оҳи бадард гуфт ӯ, – ман ҳамсарамро аз даст додам. Гарчанд ҳафт нафар фарзанд, арӯс ва набера дар атрофам парвона, вале ҷойи бонуи хона холӣ.

Ҳамин вақт писарҳояш Аҳрору Аброр, Баҳодуру Бобур вориди хона шуданду бо дидани писарҳо дар чеҳраи сарвари оила шодиву хуррамӣ ҳувайдо гашт.

– Хӯш, кадом китобҳоро мутолиа мекунед, – маҳз барои дигар кардани мавзӯи суҳбат пурсидем мо.

– Синну сол равад, инсон охираташро, саволу ҷавоби он дунёро фикр мекунад. Ба ҳамин хотир асарҳоро варақ мезанам-дия. Солҳои мактабхонӣ устод Садриддин Айнӣ мусоҳибам буд.

Мо бо бобо хайрухуш намуда, саёҳати худро идома додем ва ба идораи пажӯҳишгоҳ омадем. Тамоми роҳбарону масъулон дар минтақаҳои гуногун будаанд, ки баъзе маълумотҳоро аз ҳисобчӣ Умедҷон Баҳромов гирифтем.

– Дар тасарруфи мо аз ду ҳазор гектар 240 гектар замин монд, – гуфт Умедҷон Баҳромов, – дар он ниҳолҳои дарахтони меванок парвариш меёбанд. Олимон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки навъҳои дарахтони серҳосил ва ба табиати мо мутобиқро пайдо кунанд. Имсол беш аз сад ҳазор бех ниҳол ва 130 ҳазор қаламчаҳои токро ба фермерҳо ирсол намудем. Боиси хурсандист, ки дар Самарқанд аксарият боғҳои Амир Темур аз нав эҳё шуданд. Ғайр аз он, дар Қашқадарё, Ҷиззах, Навоӣ, Бухоро ва дигар вилоятҳо аз ҳисоби хоҷагии мо боғҳои нав бунёд мешаванд.

Албатта, дар ин кори хайр ҳиссаи фермерҳо Муҳиддин Ортиқов, Асрор Эркинов, Маъруф Муродов ва дигарон калон аст. Барои дуруст ба роҳ мондани ниҳолпарварӣ директорамон Тӯлқин Исломов, ҷонишини вай Тоҳир Хӯҷааҳмадов, ходимони илмӣ, доктори фанҳои кишоварзӣ бародарон Бахтиёр ва Ӯрмон Мирзоҳидов, Улуғбек Бойматов, Ҳумоюн Бозоров саҳми арзанда мегузоранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# БА РЎЗНОМА ҶАВОБ ОМАД

**Дар «Овози тоҷик» (шумораи 9, 30 январи соли 2021) мақолаи Ашўрвой Тошматов бо номи «Гурўҳҳои тоҷикӣ беҳбудӣ мехоҳанд» чоп шуда буд. Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ ҷавобан ба мақолаи мазкур ба рўзнома чунин менависад.**

Дар мақола гуфта шудааст, ки дар соли хониши 2020/2021 дар Донишгоҳи давлатии Бухоро қабул ба гурўҳи забон ва адабиёти тоҷик амалӣ нагардид.

Аз рўйи иҷрои қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо доир ба боз ҳам ташаккул додани механизми нишондодҳои қабул ба муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ» аз 19 майи соли 2008 ва аз 27 июни соли 2015 ҳар сол қабул ба муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ аз тарафи Вазорати рушди иқтисодӣ ва кам кардани камбизоатӣ ва якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор дар асоси эҳтиёҷ ба кадрҳо ба тартиб дароварда мешавад. Дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ дар самтҳои таълим ба роҳ мондани омодасозии кадрҳо дар асоси талаб ва эҳтиёҷ ба мутахассисони соҳа, бо назардошти салоҳдиди моддиву техникӣ ва илмиву педагогии муассисаи таълими олӣ мувофиқи қарори дахлдор ташкил мешавад. Мувофиқи параметрҳои давлатӣ, ки дар асоси замимаи №1 ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи параметрҳои супориши давлатӣ оиди қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соли хониши 2019/2020» тасдиқ шудааст, ба самти «филология ва забонҳо: забони тоҷикӣ» ба Донишгоҳи давлатии Бухоро 25-то (дар асоси гранти давлатӣ 5, шартномавӣ 20-то) квотаи қабул ҷудо карда шудааст. Шумораи донишҷўёне, ки алҳол дар ин самт таҳсил мегиранд, 24 нафарро ташкил медиҳад. Дар соли хониши 2020/2021 бошад, дар асоси қарори мазкур квотаи қабул барои гурўҳи тоҷикӣ ҷудо карда нашудааст.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки назар ба ҳолати 15 сентябри соли хониши 2020/2021 дар мактабҳои таълими умумии тасарруфи Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар вилояти Бухоро шумораи хонандагоне, ки ба забони тоҷикӣ аз синфи 1 то 11 таҳсил мегиранд, ҷамъ 8 нафарро ташкил медиҳанд.

Боз ба эътирози дигари муаллифи мақола рўшанӣ андохтанием, яъне доир ба ташаккули ҷараёни таълим дар Донишкадаи давлатии омўзгории Чирчиқи вилояти Тошканд чунин маълумот овардан мумкин.

Дар соли хониши 2019/2020 ба гурўҳи забон ва адабиёти тоҷик 18 нафар, дар соли хониши 2020/2021 бошад, 30 нафар талаба қабул карда шудааст.

Мақолаи А. Тошматов аз ҷониби Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон якҷоя бо маъмурияти Донишкадаи давлатии омўзгории Чирчиқ омўхта шуд. Дар курси якуми гурўҳи забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таълими олӣ аз рўйи 3 фанни мутахассисӣ ва 3 фанни ғайримутахассисӣ, дар курси 2 бошад, 8 фанни мутахассисӣ ва 1-то ғайримутахассисӣ омўзонда мешавад. Нақша ва барномаи машғулотҳову дарсҳо тасдиқ карда шудааст, дар асоси нақша ва барномаҳои фаннӣ профессор-омўзгорони баландмалака пурра бо забони тоҷикӣ дарс медиҳанд.

Инчунин, дар давоми суҳбат бо донишҷўёни курсҳои 1 ва 2 маълум шуд, ки онҳо доир ба машғулот ва сифати дарсҳо эътироз надоранд.

Маълум менамоем, ки пешниҳодҳо доир ба рушди таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ дар доираи ваколати вазорат омўхта хоҳанд шуд.

**С. БУЗРУКХОНОВ,**
**ҷонишини вазири Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**



*Дар 11 синфи мактаби махсуси санъати Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ки дар тасаррufи Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон қарор дорад, самтҳои гуногун, аз ҷумла рангтасвир, ҳайкалтарошӣ, кандакории чўб, ороиши сару либос, гилемҳои бадеӣ ва ғайра амал мекунанд, 230 нафар хонанда сабақ меомўзанд.*

*Дар ин ҷо барои соҳиби дониши мукаммал гардидан ва ҳунаромўзии ҷавонон тамоми шароит муҳайё мебошанд. Дар маҳфилҳои фаннӣ ва варзишӣ хонандагон вақти холии худро пурмазмун мегузаронанд.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби махсуси санъати Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ки дар тасаррufи Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон қарор дорад.*

***Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***




*Дар Маркази ҷавонони шаҳри Навоӣ муаррифии китоби «Кўҳак», ки баёзи эҷодкорони ҷавони вилоят ба шумор меравад, баргузор гардид.*
*Дар қарори роҳбари давлат «Дар бораи тайёрӣ ба ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дар савияи баланд гузаронидани он» интишори нашри китобҳои бахшида ба ҷашн низ пешбинӣ шудааст. Маҷмўаи эҷодиёти ҷавонони вилоят – «Кўҳак» туҳфаи шоиста ба ҷашни истиқлол мебошад.*
*Дар маҷмўа намунаҳои эҷодиёти 20 нафар шоирони ҷавон ва тарҷумаҳо ҷойгузин шудаанд.*
*Дар давоми муаррифӣ байни эҷодкорони ҷавон мушоира баргузор шуд, ки ба ҳозирон кайфияти хуб бахшид.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

*Пажўҳиш*

# ЗАБОН ВА УСЛУБИ ЯК ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар даҳсолаҳои охир то андозае паст рафтани маданияти сухани тоҷикӣ боиси ташвиши забоншиносони маъруф гардид, чунки унсурҳои номатлуб натанҳо дар таркиби луғавии забон падид омаданд, балки дар сохти грамматикии он низ пайдо шуданд. Ба ин маънӣ узви пайвастаи Фарҳангистони улуми Тоҷикистон Муҳаммадҷон Шукуров чунин иброз намудаанд: "Бо қатъияти тамом бояд гўем, ки маданияти сухани тоҷикӣ дар ягон давру замон чун имрўз паст нарафта буд" (М. Шукуров. Забони мо ҳастии мост. Душанбе: Маориф, 1991. С. 81).

Мусаллам аст, ки дар роҳи ба асолати худ наздик намудани забони адабии ҳозираи тоҷик тадқиқи забон ва услуби асарҳои бадеии нигорандагони суханвар яке аз омилҳои муҳим ба шумор меравад, зеро адибон устодони каломи бадеӣ буда, ба халқ ҳамаи тароват ва ҳусни забонро нишон медиҳанд. Ба хусус, омўхтани забон ва услуби асарҳои адибони классикии тоҷик аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки ин маънӣ дар навиштаҳои бузургони сухансанҷи тоҷик борҳо таъкид гаштааст.

Ин ҷо перомуни забон ва услуби як ғазали Хоҷа Камоли Хуҷандӣ изҳори андеша намуда, гумони онро дорем, ки то андозае манзури аҳли илму адаб хоҳад гашт.

Маълум аст, ки оҳанги нутқ дар услуби бадеӣ равшану ҳамаҷониба падид меояд, бинобар ин, назокату гўшнавозии пораи нутқ чӣ қадар зиёд бошад, изҳори овозии фикр ҳамон қадар табиӣ, равон ва дилнишин мегардад. Сактаву дуруштӣ, калимаҳои дағал, таркибҳои нораво, норавшании ибораву ҷумла қироати матнро душвор, қувваи таъсиргузаронии онро сусту заиф менамояд, ки ин боиси зуҳури муғлақбаёнӣ мегардад. Ин буд, ки нигорандагон ба мақсади гўшнавозу таъсирбахш шудан, таъмини хушоҳангию мусиқияти баён ва беҳбудии ҷанбаи эҳсосии сухан аз услубиёти фонетикӣ бархурдор гаштаанд.

Агар ин нуқтаи назар ба як ғазали машҳури бо радифи "Гуфтам: Ба чашм" шурўъшудаи Хоҷа Камоли Хуҷандӣ муроҷиат шавад, аз такрори пайвасти садоноки **"а"** ва ҳамсадои **"р"** бо нияти услубӣ ва эстетикӣ истифода бурдани адиб ба мушоҳида мерасад. Устоди каломи бадеъ бо такрори ин пайвасти овозӣ (**ар**) пораҳои тараннумӣ нигошта, гўшнавозӣ ва хушоҳангии байтҳои ғазалро таъмин намудааст:

*Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,*
*Ташнагонро муждае аз мо бубар. Гуфтам: Ба чашм.*

Монанди ҳамин дар байтҳои 1, 3, 5 ду калима ва дар байтҳои 2, 6 се воҳиди луғавии бо садоноки **"о"** ба охир расидаро овардани суханвар навои фораму гўшнавози байтҳоро афзудааст:

*Гуфт: Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,*
*Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар. Гуфтам: Ба чашм.*

Бар замми такрори пайвасти овозии **"ар"** ва садоноки **"о"** ба сифати қофия интихоб шудани ин пайвасти овозӣ ва пеш аз калимаи ҳамқофия оварда шудани калимаҳое, ки бо садоноки **"о"** анҷом напазируфтаанд, бесабаб нест, зеро ки ин маънӣ хушоҳангӣ ва гўшнавозии дар мисраи аввал падидомадаро дар мисраи дуюми байтҳо (1, 2, 3, 6) идома додааст:

*Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ,*
*Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар. Гуфтам: Ба чашм.*

Агар тавассути услубиёти фонетикӣ навои фораму гўшнавоз ва назокату зебоии асари бадеӣ таъмин гардад, пуробурангу муассир, дақиқу пурра, дилчаспу образнок ва бо нозукиҳои маъноӣ баён гаштани фикр ба воҳидҳои луғавие, ки мувофиқи матлаб интихоб мегарданд, марбут аст.

Мусаллам аст, ки ба айни як маънӣ бе ҳеч гуна зарурати услубӣ дар мисраъ ё байт такроран оварда шудани як калима ҳусни баён нест. Аз ин рў, дар мисраи дуюми байти зерини ғазал истифода шудани муродифҳои луғавии "дида" ва "чашм" худдории нигоранда аз такрори беҷост:

*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сўзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар. Гуфтам: Ба чашм.*

Вале аз силсилаи муродифҳои луғавии "пай", "нишон", "асар", "нақш" интихоб гаштани "нишон" (байти 2) ба имконоти услубии ин калима вобаста аст. Азбаски нақши пой дар хоки роҳ дер барҷаста намемонад ва аз он танҳо асаре, аломате, нишоне ба назар мерасад, ҳусни таваҷҷўҳи шоир ба калимаи "нишон" қарор гирифтааст. "Нишон" сарбории маъноӣ дошта, баробари нақши пой асари дар хок боқимондаи изи пойро низ ифода мекунад, ки дар адои ин маънӣ ба калимаи "нишон" дар байти зерин феъли "ёфтан" мусоидат намудааст:

*Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ,*
*Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар. Гуфтам: Ба чашм.*

Монанди ҳамин нигоранда дар матлаъ калимаи серманъноӣ "назар"-ро, ки маҷозан ба маънои чашм низ мустаъмал аст, бо мақсади худдорӣ намудан аз такрори нобарҷои "чашм" ба сифати муродифи луғавии он мавриди истифода қарор додааст. Аз ин рў, ба ҷойи ибораи фразеологии "чашм пўшидан" (аз касе ё чизе даст кашидан, касе ё чизеро сарфи назар кардан) муодили он "назар пўшидан"- ро дар шакли "пўшон назар" нигоштааст:

*Ёр гуфт: Аз ғайри мо пўшон назар. Гуфтам: Ба чашм,*
*В-он гаҳе дуздида дар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм.*

Ибораи фразеологии "сар ниҳодан" (худро фидо кардан, фавтидан) дар байтҳои зерин дар шакли "сар хоҳӣ ниҳод" бо мақсади услубӣ корбаст шудааст, зеро ки ибораи мазкур маънии фавтиданро бо сарбории шарт ифода намудааст:

*Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,*
*Ташнагонро муждае аз мо бубар. Гуфтам: Ба чашм.*

Вале ибораи фразеологии "ситора шумурдан", ки дар шакли "ситора мешумар" истифода шудааст, бедор гузаронидани шабро бо сарбории маънои амр ифода кардааст:

*Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рўйи чун моҳам ҷудо,*
*То саҳаргоҳон ситора мешумар. Гуфтам: Ба чашм.*

Монанди ҳамин дар шакли "барафшон гуҳар" оварда шудани ибораи фразеологии "гуҳар фишондан" (ашк рехтан) боиси он гаштааст, ки ба "ашк рехтан" тобиши маънои амр илова гардад:

*Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ,*
*Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар. Гуфтам: Ба чашм.*

Иборҳои фразеологӣ фикрро лучу урён ифода накарда, пуробурангию образнокии онро таъмин менамоянд. Иборҳои фразеологӣ ба сифати воситаҳои тайёри забонӣ истифода мегарданд. Вале маҷозҳои услубӣ дар пояи қиёс аз тарафи нигоранда ба тозагӣ эҷод мегарданд. Дар ғазал ифодаҳои маҷозии "Биёбони ғам" – бори сангини ғам, "дами сўзони оҳ" – оҳи пурсўзу гудоз, "дурри васл" – гоҳи гуворои васл низ баробари таъмин намудани пуробурангию образнокии баён вазифаи муайяни услубӣ доранд. Вазифаҳои услубии ифодаҳои маҷозӣ тавсифи равшани мавсуф аст. Чунончи, "биёбони ғам" баёни ин аст, ки ғами ишқ вазнин мешавад, ё "дурри васл" тавсифи он аст, ки баъди нокомиҳо васли ёр гуворост:

*Гуфт: Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,*
*Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар. Гуфтам: Ба чашм.*

Дар ғазал калимаҳои "дарё" ва "ташнагон" низ маҷозанд. "Дарё" маънои "дурри васл"-ро бо киноя ивaз намуда, лаҳзаҳои гуворои васлро ифода карда бошад, "ташнагон" ишора ба ошиқони номурод аст:

*Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,*
*Ташнагонро муждае аз мо бубар. Гуфтам: Ба чашм.*

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДАР РОҲИ ХИДМАТРАСОНИИ КАФОЛАТНОК ВА БОСИФАТИ ТИББӢ

***Дар мамлакатамон бобати ривоҷ додани низоми ҳифзи тандурустӣ дар асоси талабҳои ҷаҳон ва хидматрасонии кафолатноку босифати тиббӣ ба аҳолӣ ислоҳоти васеъмиқёс ба амал тадбиқ мегарданд. Соли гузашта дар соҳа 53 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд ва 167 нафар талабгор дараҷаи илмии доктори фалсафаро аз рўйи фанҳои тиб ба даст даровардаанд.***

Бо чунин суханон оғоз ёфт нишасти матбуотие, ки бо иштироки намояндагони соҳа таҳти мавзўи «Натиҷаҳои аттестатсияи кадрҳои баландмалакаи илмӣ ва илмию педагогӣ дар соҳаи фанҳои тиб» баргузор шуд.

Баромадкунандагон изҳор доштанд, ки бе илму амалиёт ягон соҳа, аз ҷумла, соҳаи тиб пеш намеравад. Дар солҳои охир мутахассисон ва олимони соҳа бисёр корҳоро анҷом доданд. Аз рисолаҳои ҳимояшуда метавон чунин хулосаи илмӣ баровард:

модару кўдакро бояд ҳимоя кард, саломатии репродуктивии аҳолӣ дар асоси қаробатҷуйиҳои инноватсионӣ такмил дода мешавад; дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ параметрҳои иловаи хўрокҳо ва меъёрҳои хўроkхўрии рўзона барои онҳо такмил дода шуд; дар асоси ташхисгузории замонавӣ бо усулҳои визуализатсияи информативӣ ва кам расонидани ҷароҳат ба тани бемор онҳо муолиҷа карда мешаванд; усулҳои ташхисгузорӣ ба бемориҳои дилураг, низоми меъдаю рўда, эндокрин, респиратор, ҷигар, рўда ва дигар узвҳо дар асоси ташхисгузории саривақтӣ ва технологияҳои замонавӣ такмил дода шуд; схемаи муолиҷаи табақабандӣ ва тартиби яккаи бемориҳо кор карда шуданд; самараи корбурди усулҳои амалиёти ҷарроҳии ноинвазив ва каминвазив асоснок карда шуданд; механизми ба саломатии инсон таъсири салбӣ расондани экология ва истеҳсолот, шароити алиментарӣ ва иқлим муайян карда шуданд, технологияи коҳиш додани таъсири манфии онҳо рўйи кор омад.

Тадқиқотҳои анҷомдода нишон доданд, ки дар натиҷаи ташхисгузориҳои пешакӣ оқибатҳои номатлуби бемориҳои занон дар давраи ҳомила ва баъди таваллуд ба дараҷаи назаррас кам шудааст, дараҷаи маъюбшавии бемориҳои сутунмўҳра низ хеле коҳиш ёфтааст.

Қайд гардид, ки олиму мутахассисон ва тадқиқотчиёни соҳа минбаъд низ, бо назардошти дастовардҳои тибби ҷаҳон, дар пешрафти тибби мамлакат, хидматрасонии кафолатноку босифати тиббӣ ба аҳолӣ ва тадқиқотҳои самарабахши илмӣ фаъол иштирок менамоянд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Сокинони шаҳраки Боғдон – маркази ноҳияи Фориш дар чор фасли сол, алалхусус дар мавсими тобистон, аз танқисии оби ошомиданӣ азият мекашиданд.***

# ИНШООТҲОИ НАВ — ТУҲФА БА БАҲОРУ НАВРЎЗ

Ҳангоми ташрифи сарвари давлат ба вилояти Ҷиззах мўйсафедон ин масъаларо ба миён гузошта буданд. Президент дарҳол ба масъулони соҳа супориш дод, то ки мушкилотро омўзанд ва ҳал кунанд.

Инак, дар натиҷаи корҳои бунёдкорӣ, ки соли 2019 шурўъ ёфта буд, бар ивази 64 миллиард сўм маблағ аз маҳаллаи «Қизилқум»-и ноҳия ба масофаи 18-20 километр хати об кашида шуд. Бояд гуфт, ки ҳанўз солҳои 70-уми қарни гузашта ҳамин хати об бунёд ёфта ва то ба қарибӣ вуҷуд дошт. Аммо бо мурури вақт лўлаҳои чўянӣ кўҳна ва фарсудаву корношоям гаштанд. Акнун ба туфайли кашидани хати нави об мушкили танқисии оби ошомиданӣ аз байн хоҳад рафт.

Дар рўзҳои ҷашни Наврўз дар назди шифохонаи маркази ноҳияи Фориш зоишгоҳ низ сохта ба истифода супорида шуд. Ба ғайр аз ин мавриди истифодабарӣ қарор гирифтани маркази маҳаллаи «Ўзбекистон» ва меҳмонхонаи замонавӣ барои аҳли ноҳияи Фориш туҳфаи хубе гардид. Бунёди ин иншоотҳо, бешак, ба беҳ гардидани инфрасохтори ҳудуд ва шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори »Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Гиромидошт*

# ДУХТАРИ АРМАН, КИ РАҚСИ МИЛЛИРО ҶАҲОНӢ КАРДААСТ

***Дар Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишери Навоӣ бахшида ба 115 солагии Тамарахонум шаби ёдбуд баргузор шуд.***
***Дар он санъатшиносон, шогирдон, аъзои оилаи ҳунарпешаи номвар, донишҷўёни Мактаб-интернати хореография, Академияи давлатии хореография ва аъзои маҳфили мусиқии мактаби 2-юми ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд иштирок карданд.***



Баромадкунандагони шаби ёдбуд таъкид карданд, ки Тамарахонум яке аз ҳунарпешагони номӣ мебошад, ки бо рақсҳои ҷаззоби худ чӣ дар кишвари мо ва чӣ дар хориҷи он маълуму машҳур гаштааст.

Тамара Петросян 29 марти (дар баъзе манбаъҳо 16 март) соли 1906 дар шаҳри Марғилон таваллуд шудааст. Ў аз овони хурдсолӣ ба санъати театр ва рақс таваҷҷўҳи зиёд дошт.

Дар солҳои вазнини 20-30-юми асри гузашта, ки дар кишвар гуруснагӣ ҳукмрон буду мамлакат аз ҷиҳати сиёсӣ низ ноором буд, Тамараи ҷавон дар саҳнаи театри опера ва балети руси ба номи Я. Свердлови Тошканд ҳамчун актриса фаъолияташро оғоз кард. Баъдтар дар труппаи балети Тошканд асрори рақсро омўхт. Ў дар театри драма ва мусиқии Самарқанд низ фаъолият бурдааст.

Хидматҳое, ки дар бунёди Канали калони Фарғона ва солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар фронт кардааст, лоиқи таҳсину эътироф мебошанд. Дар давоми панҷ соли ҷанги дуюми ҷаҳон барои аскарон зиёда аз як ҳазор консерт баргузор намуда, ба аз рўҳафтодагӣ баромадани онҳо кўмак расондааст.

Дар сохтмони Канали калони Фарғона, ки 45 рўз давом кард, Тамарахонум бо рақсу сурудҳояш ба коргарон мадади рўҳӣ бахшид, бо онҳо дар якҷоягӣ кор кард.

Тамарахонум дар давоми эҷодаш зиёда аз 500 рақс ва суруди милливу хориҷиро бо 86 забони ҷаҳон иҷро кардааст. Ў дар театр низ нақшҳои зиёдеро, мисли Ширин («Фарҳод ва Ширин»), Гулчеҳра («Аршин мол алан») ва Ҳалима («Ҳалима») офаридааст.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**Ахиран, орзуву ормонҳои мардуми ноҳияи Сӯх амалӣ шуд. 1 апрел роҳи Сӯх – Риштон, ки минтақаи Бургандии вилояти Ботканди Қирғизистонро убур мекунад, дар шароити мутантан ва идона боз гардид. Кушодани ин роҳ мусоидат менамояд, ки минбаъд аз тариқи посгоҳҳои марзии ноҳияи Риштони вилояти Фарғона ва "Қатмас"-и ноҳияи Қадамҷои вилояти Боткент мусофирон метавонанд худро аз ноҳияи Сӯх ба Риштон ва аз Риштон ба ноҳияи Сӯх расонанд.**



# РОҲИ СӮХ – РИШТОН БОЗ ШУД!

Дар айни ҳол ғайр аз мусофирон мошинҳои сабук ва мусофиркаши гунҷоишашон то 20 нафар бо ин роҳ ҳаракат хоҳанд кард.

1 апрел аз ду самти постгоҳҳои бозшуда одамони зиёд баҳам омаданд. Он ҷо як муҳити хубу гуворо ва саршор аз шодиву сурур ҳукмфармоӣ мекард. Ба ин маросим ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров ва волии вилояти Ботканд Омурбек Сувоналиев, ҳамчунин меҳмонони зиёд ташриф оварданд. Садои карнаю сурнай ва дафу доира ба ҳаво дакка зад ва аз баргузории як маросими хушу пурнишот дарак дод.

Хайрулло Бозоров ва Омурбек Сувоналиев аз боби он ҳарф заданд, ки миёни Ўзбекистону Қирғизистон дар тамоми соҳаҳо ҳамкориҳо тавсеа меёбанд ва робитаҳо беш аз пеш домани худро фарохтар месозанд.

– Имрӯз барои мардуми минтақаҳои марзии он рӯзи саид аст. Наздики даҳ сол боз ин роҳ баста буд ва кушодашавии он акнун ба як иди бошукӯҳ табдил ёфт. Минтақаҳои наздисарҳадӣ дар бобати тавсеаи ҳамкориҳои ду кишвари ҳамҷавор нақши муҳим хоҳанд бозид, – гуфт Хайрулло Бозоров.

– Нек шудани муносибатҳои ду кишвар дили мардуми зиёдро гарм мекунад. Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев ва ҳамтои қирғизи он кас Садир Ҷапаров ин масъаларо дар Тошканд кушоду равшан муҳокима карданд ва ба чунин натиҷа расиданд. Ҳарду вазифаҳои роҳбарони идораҳои марбутаи ду мамлакатро муайян карданд. Акнун бояд вазъият беҳтар шавад ва муносибатҳои ду кишвар аз ин дида хубтар гарданд, – мегӯяд ба мо корманди рӯзномаи "Садои Сӯх" Раҳимбердӣ Тошматов.

Интизор меравад, ки посгоҳи дигари марзии миёни ду кишвар низ, ки дар минтақаи Сӯхи шимолӣ воқеъ гаштааст, боз мегардад ва рувуои мардум ба самти шаҳри Қӯқанд ва минтақаҳои дигарро низ осон мекунад.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ,**
**мухбири ҷамоатии "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Китобҳои нав*

# ИНЪИКОСИ АНЪАНА ВА МАРОСИМҲОИ МАРДУМӢ

***Мероси таърихӣ ва арзишҳои маънавӣ ҳазорсолаҳост, ки барои мардуми мо ҳамчун манбаи зояндаву поянда хидмат мекунанд. Дар маҳаки ҳар як расму ойин, урфу одат ва анъанаву маросим орзуву омол ва манзараҳои зиндагӣ таҷассум ёфтааст. Баъзе аз асотир, афсона, ривоят, достон, мақол, суруд ва бозиҳои мардумӣ фақат ба халқи ягон маҳал, ин ё он миллат хос мебошанд. Аз ин рӯ, зимни омӯхтани ин урфу одатҳо таърихи пайдоиш ва рушду нумӯъ, ё баръакс гум ё фаромӯш шудани онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад.***

Ноҳияи Фориш қариб нисфи қаламрави вилояти Ҷиззахро ишғол менамояд (он аз ҳудуди вилояти Андиҷон ду баробар калон аст). Ноҳия аз деҳу овулҳое иборат мебошад, ки намояндагони қавму миллатҳои гуногун сарҷамъона зиндагӣ мекунанд. Ин макон дорои таърих ва фарҳангу маънавияти ғанӣ аст. Бисёр бозиҳои халқӣ, урфу одатҳои қадимӣ дорад, ки то кунун ҳифозат гаштаанд. Мутаассифона, баъзеи онҳо бинобар беэътиноӣ нисбат ба арзишҳои маънавӣ рӯ ба фаромӯшӣ ниҳодаанд.

Китоби «Фориш: одамлар ва удумлар» («Фориш: мардум ва урфу одатҳо»)-и раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов, ки соли 2020 аз тариқи нашриёти «Turon nashr»-и шаҳри Самарқанд ба табъ расидааст, бештар дар бораи анъана ва расму ойинҳои мардумӣ баҳс мекунад. Китоб бо пешгуфтори доктори илмҳои фалсафа, профессор Усмон Қарабоев оғоз меёбад.

Дар боби аввали китоб бозиҳои халқии «Ресмонкашӣ», «Подшоҳ-вазир», «Чиллак», «Сангбардорӣ» ва ғайра зикр шудаанд. Бояд гуфт, ки зимни иҷрои баъзе аз ин бозиҳо шеъру сурудаҳои халқӣ ба таври фаровон истифода мешаванд. Бисёре аз ин бозиҳо маҳз барои мардуми ноҳияи Фориш хосанд. Ҳоло ҳам дар репертуари дастаҳои бадеии «Боғдон гуллари» ва «Тоғ шаколаси» ин намуди бозиҳои халқӣ ба мушоҳида мерасанд. Дастаҳо барномаҳои рангини маросимҳои «Дарвешона», «Сари сол», «Тухмпошӣ», «Бозиҳои халқӣ» ва ғайраро талқин мекунанд.

Дар боби дувуми китоб лавҳаҳо доир ба ҳаёти ҳунармандон, устоён ва урфу одатҳои хоси меъморӣ таълифнамудаи доктори фанҳои меъморӣ, профессори Донишкадаи меъморӣ ва сохтмони Тошканд Додо Нозилов ҷой гирифтаанд. Ў дар бораи устоёни моҳир, ҷиҳатҳои асосии кори меъморӣ ҳикоя кардааст, ки маҳсули мушоҳида ва таҳқиқотҳои тӯлониаш дар ин соҳа аст.

Ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқи Донишкадаи политехникии Ҷиззах Темур Ибайдуллоев дар бораи пайдоиш ва такомули либосҳо низ дар ҳамин боб оварда шудаанд.

Ба хонанда дар бораи зиёратгоҳҳои «Чондаҳорато», «Ҳазрати Эшони халифа», «Хонбандӣ», «Хӯҷабоғбонато», «Нарвонато», «Ҳазрати Зайнулобиддин», «Тешиктош», «Қизучган»-и ҳудуди ноҳия маълумот пешниҳод мегардад.

Дар боби панҷум дар бораи ба Конвенсияи Рамсар шомил гардидани Айдаркӯл, диёри паҳлавонон будани деҳаи Моҷарм нақл карда мешавад.

Дар бораи паҳлавонони номӣ, устодони варзиш Арслон Элов, Бобомурод Файзиев, Илҳом ва Искандар Тӯхтамовҳо, Шуҳрат Арслонов ва варзишгарони ҷавон Толибҷон Арслонов, шоҳмотбоз, ду карат чемпиони ҷаҳон дар байни ногироён Сироҷиддин Зайниддинов маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар боби охирини китоб, ки ба забони тоҷикӣ шурӯъ меёбад, дар бораи мавқеъ ва мақоми деҳоти тоҷикнишини силсилакӯҳҳои Нурато нависандаи боистеъдод Юнуси Имомназар ибрози назар намудааст. Мақолаи «Ҷашни арӯсӣ»-и нависанда ғолибан дар бораи маросими тӯйҳои деҳаи Эҷ аст.

Дар ҳамин замина мехоҳем чанд мулоҳизаи худро изҳор намоем. Агар матбуоти даврии солҳои гуногунро варақ занем, ба мақолаҳои зиёде дучор меоем, ки дар бораи урфу одат ва эҷодиёти халқии ин маҳал ҳикоя мекунанд.

Аз ҷумла Холназар Ўролзода (равонаш шод бод!) дар бобати омадани баҳор ва истиқболи он, шодравон Додо Ҳоҷизода дар бораи паҳлавонони гӯштӣ лавҳа ва қиссаҳо доранд. Мебоист аз онҳо истифода шавад.

Дар қисми охири китоб сурудаҳои Норбибии андагинӣ ва Бозоргул Назароваи ухмӣ ҷой гузидаанд.

Бояд гуфт, ки китоб бо маблағи Фонди ҷамоатии дастгирии созмонҳои нодавлативу нотиҷоратӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис ба нашр расидааст, ки Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах ин грантро ба даст оварда буд.

Сарфи назар аз баъзе камбудӣ ва каму костиҳо китоб баҳри ошно сохтани насли имрӯз бо арзишҳои таърихӣ аҳамият дорад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Равзанаи табиат*

***Зиҳнок деҳаест дар бағали кӯҳҳо. Онро аз самти шарқу ғарб талу теппаҳои на он қадар баланд, ки то солҳои 20-уми асри гузашта роҳ ба сӯи Нурато аз он ҷо мегузашт, аз самти шимол бошад, қуллаҳои сар ба фалак кашидаи Пиронато, Гаҳворабандон иҳота кардаанд. Дар самти ҷануб новаи дарозе ҳаст, ки тавассути он роҳ ба сӯйи Ҷӯш (ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд) мебарад. Дар ҷанубу ғарбии деҳа — болои кӯҳ қалъаи қадимаи вайрона бо номи Офатқӯрғон мавҷуд аст, ки шаҳодатномаи таърихи қадимаи Зиҳнок мебошад.***

# АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

Панҷ ё шаш сола будам. Аз ҳамин деҳаи зебоманзар, ки он ҷо ҳамагӣ се хонавода зиндагӣ доштанд, харсавор ҷониби деҳаи навбунёди Сойихурд равона шудам. Аз қабристони паҳнои Зиҳнок гузашта, ба ағбаи Шибдорак расидам. Кӯҳҳои самти ҷануби роҳи пиёдагард аз талу тепаҳои хокӣ, ҷониби шимол аз сангҳои паҳною харсангҳои азим иборат буд. Ҷо-ҷо буттаю дарахтони бодоми талх ба назар мерасид.

Кунҷковона ба ҳар сӯй назар меафкандам. Аз ҳар тараф хониши кабк ба гӯш мерасид. Рӯбоҳе роҳамро бурида гузашт. Он ҷонвари думдарозро то аз назар ғойиб шуданаш тамошо кардам. Ногоҳ чашмам ба ду гӯсфанди кӯҳӣ (дар шева ғурм мегӯянд) расид, ки болои харсанги паҳно бовиқор, гӯё худро ба намоиш гузошта бошанд, меистоданд. Ҳар ду шохҳои дарози печ дар печ доштанд. Дар назари мани кӯдак онҳо ҳусни кӯҳистон буданд. Аз байн беш аз ним аср гузашта бошад ҳам ҳамааш дар хотирам нақш бастааст. Баъдан ғурмро ҷуз аз оинаи нилгун бо чашми худ надидаам.

Ба Шибдорак расидам. Ин манзил зиёда аз 80 дарахти тут дорад. Чашмааш дарахтонро бо об таъмин мекунад. Замоне ин ҷо ба чорвопарварӣ машғул будаанд. Аз сари чашма селаи кабкҳо ба ду самт парвоз карданд. Ин ҷо бодоми талху буттаҳои гуногун зиёданд. Бодомҳо саросари кӯҳсорро фаро гирифтаанд.

Чун аз тутзор гузаштам, хар гӯшҳояшро сих карда, аз чизе рамид. Аз зери буттаи хор галаи хукҳои ёбоӣ рӯ ба фирор оварданд. Манзарае буд тамошобоб, ба хусус ба кӯдаки панҷ-шашсола. То ба Сариоб расидан боз ду бор селаи хукҳои ёбоиро мушоҳида намудам...

Сариоб бузургтарин деҳа будааст дар ин сойи дароз. Хонаю ҳавлиҳои вайрона шаҳодати таърихи қадимаи онанд. Хонаҳо тарзе бунёд ёфтаанд, ки қатори онҳоро танҳо кӯчаҳо аз ҳам ҷудо мекунанд. Гӯё шаҳраке он ҷо будааст. Ду чашма дорад. Ҷойи масҷиди ҷомеъ ва ҳафт санги мармари зери сутунҳо боқӣ мондаанд. Боғу заминҳои корам дар поёнтари деҳа воқеъ будаанд. Дарахтони зардолу, чормағз, себу олу ва ғайра ҳастанд. Вале дар ин ҷо имрӯз касе муқимӣ зиндагӣ намекунад. Солҳои 40-50-уми асри гузашта аксари аҳолии деҳа ба вилояти Сирдарё ва воҳаҳои дигар кӯч бастаанд. Аз онҳо заминҳои сердору дарахт мерос мондааст.

Ҳамин тавр ҳашт деҳаи қадимаи вайрона ва шаш қабристонро паси сар намудам. Падарам нақл мекарданд, ки то солҳои 50-уми асри гузашта дар саҳроҳои Қизилкум гала-гала оҳувон мечариданд. Баъд ин ҷонварони зебои зеби табиат маҳв карда шуданд.

– Дар як шабонарӯз то 50 сар оҳуро шикор мекарданд, — мегуфт падарам.

Ҳоло ҳам гоҳ-гоҳ ба тамошои деҳаи қадимаи бобоӣ – Зиҳнок меравам. Он ҷо имрӯз касе муқимӣ нест. Дусе оила фасли тобистону тирамоҳ мавсимӣ зиндагӣ мекунанд. Дар деҳаи қадима, ки ду сойи калон ва боғоти обод дорад, одамон боғдорӣ мекунанд ва чорвои худро мепарваранд. Аз гусфандҳои кӯҳию хукҳои ёбоӣ нишоне намондааст. Баъзан аз дури дурҳо хониши кабк ба гӯш мерасад.

Боғҳои Сариобу Дараи Уштуриро низ мардум соҳибӣ намуда, хеле обод кардаанд. Дар ин ҷо дарахтони мевадор парварида, ҳосили хуб мегиранд. Вале таассуф, ки аз он таровати ҷолибияти олами кӯҳистону дараҳо асаре нест. Ба гуфтаи ҳолдонҳо имрӯз сайёдон ҷӯҷаи нав аз тухм баромадаи кабкро ҳам шикор мекунанд.

Ҳа, ҳоло сафи шикориёни ҳуҷҷатдору беҳуҷҷат хеле афзудааст. Касе ба қонуну қоидаҳои шикор – мавсими он, миқдори ҷонварони шикорошаванда риоя намекунад. Мо, одамон имрӯз олами зиндаи табиатро ба нестӣ мебарем. Фарзандони мо аз тамошои ин олам бебаҳраанд. Фаромӯш кардаем, ки он модари мост.

Аз мост, ки бар мост — гуфтаанд. Мабодо, ки табиат низ аз мо қасди худро бигирад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
*ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.*

# ЗАБОН ВА УСЛУБИ ЯК ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Ба сифати радифи ғазал оварда шудани таркиби "ба чашм" ҷолиб аст, зеро ки он ба 2 маънӣ: 1) Ба маънои аслӣ (бо чашм иҷро намудани амрҳои омиронаи мавсуф) 2) Ба маънои маҷозӣ (бо ҷону дил, бечуну чаро иҷро кардани амр) истифода шудааст. Ин ҷо таркиби "ба чашм" хусусияти омонимӣ пайдо намудааст, ки ин маънӣ дар илми бадеъ бо номи таҷнис маъмул аст. Хонанда маъноҳои ин радифро дарёфта аз маҳорати сухангустарии Камоли Хуҷандӣ лаззат мебарад. Ғайр аз ин, ташбеҳҳои "чу шамъ", "чу моҳ" предметҳои мавриди тасвир қарордодаи нигорандаро барҷастатар ва ҷараёни иҷрои амалу сифати онҳоро пурратар ба тасвир медиҳанд. Ин ташбеҳҳо низ образнокию таъсирбахшии баёнро таъмин намуда, ба ҳиссиёти хонанда таъсир мерасонанд:

*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Маълум аст, ки бо ҷонишинҳои шахсии "ман" ва "мо" шахсони гӯянда ифода мегарданд. Гоҳо ҷонишини шахси якуми ҷамъ – "мо" бар ивази ҷонишини шахси якуми танҳо – "ман" истифода мегардад. Дар ин маврид "мо" хусусияти услубӣ пайдо карда, мутакаллимро ("ман"-ро) бо арзи фурӯтанию хоксорӣ ифода менамояд. Ин маънӣ ба услуби илмӣ хос бошад ҳам, адибон аз ин воситаи услубӣ бархурдор гаштаанд. Дар ғазали мазкур Камоли Хуҷандӣ ҷонишини "мо"-ро ба маънии фавқуззикр панҷ маротиба такроран овардааст. "Мо" дар ин ғазал на танҳо фурӯтании нигорандаро ифода намудааст, балки ин ҷонишин вазифаи таъкидро низ ба ӯҳда гирифтааст. Такроран оварда шудани он низ далели ин маънист:

*Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар.*
*Гуфтам: Ба чашм,*
*В-он гаҳе дуздида дар мо менигар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Дар байти зерини ғазал бандакҷонишини -аш бо феъли "сохтан" дар шакли "месозаш" оварда шудааст. Дар ин мавриди истифода "аш" вазифаи пуркунандаи бевоситаро (вайро) иҷро кардааст, ки аз ин тарзи баён муъҷаз гаштааст:

*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Ба аз феъли "гуфтан", ки дар шаклҳои "гуфт" ва "гуфтам" дар ҳар байт такроран оварда шудааст, дар ғазал 12 феъл истифода гаштааст, ки аз онҳо 7 феъл мутааллиқи сиғаи амр аст. Аз феълҳои амр танҳо "пӯшон" бо пешванд, феълҳои дигар бо пешвандҳои бар- (барфишон), би- бу- (бипаймо, бубар) ва ме- (менигар, месоз, мешумар) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Пешвандҳои мазкур бо феълҳои фармоиш (фишон, паймо, бар, нигар, соз, шумар) омадаанд, ки ин маънӣ боиси ба таври қатъӣ ва омирона ифода гаштани амри мавсуф шудааст:

*Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рӯйи чун моҳам ҷудо,*
*То саҳаргоҳон ситора мешумар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Дар ғазал пешоянди "то" яке аз вазифаҳои муқаррариаш – ифодаи интиҳоро иҷро намудааст, вале пешоянди "дар" дар адои вазифа (ифодаи сӯйи амал) пешоянди "ба"- ро иваз кардааст (В-он гаҳе дуздида дар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм). Монанди ҳамин, пешоянди "бар" ифодаи маконро, ки яке аз вазифаҳои пешоянди "дар" аст, бо тобиши маъноии сатҳ (болои хок) ба ӯҳда гирифтааст (Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ).

Ин ғазал аз матлаъ то мақтаъ аз нутқи айнаннақлшудае, ки амри омиронаи мавсуф ва ҷавоби фурӯтанонаи қаҳрамони лирикиро дар бар мегирад, иборат аст. Ғайр аз ин матлаъ (агар калимаи "гуфт" ва радифи ғазал "Гуфтам: Ба чашм" қатъи назар шавад), байтҳои дигари ғазал аз ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдоре бандубаст гаштаанд, ки дар онҳо ҷумлаи пайрави шарт тавассути пайвандаки "агар" ба сарҷумла алоқаманд шудааст.

Ин ҷо қайд бояд кард, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки бо ҷумлаҳои пайрави шарт ташкил ёфтаанд, хабари ҷумлаи пайрав одатан бо сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ, вале сарҷумла бо сиғаи хабарӣ ифода мегардад. Бо як шакли феълӣ – замони гузаштаи ҳикоягӣ (сиғаи хабарӣ) омадани хабарҳои ҷумлаи пайрави шарт ва сарҷумла аҳёнан ба назар мерасад (Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1989, с.80).

Дар ин ғазали Камоли Хуҷандӣ дар ҳамаи 5 байти мутазаккира хабари ҷумлаи пайрави шарт бо сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ (ёбӣ, хоҳӣ, ниҳод (ниҳодан хоҳӣ), хушк гардад, ҷудо гардӣ, хаёл дорӣ) ифода гашта, хабари сарҷумла бо сиғаи амр (барфишон, бубар, месоз, мешумар, бипаймо) омадааст. Азбаски нигоранда амри омиронаи мавсуфро (сарҷумла) бо шарти гузоштаи ӯ (ҷумлаи пайрав) дар як ҷумлаи мураккаби тобеъ овардааст, имкони бо сиғаи амр ифода гаштани хабари сарҷумла фароҳам омадааст:

*Гуфт: Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,*
*Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Аз байтҳои мазкур пайвандаки "агар"-ро фурӯгузор кунем, дар ҷумлаҳои пайрави шарт тобишҳои маънои замон (2, 4, 5) ва сабаб (3, 6) падид меоянд. Чунончи, ҳангоми аз мисраи аввали байти зерин фурӯгузор шудани ин пайвандак тобиши маънои забонӣ назар ба маънои шарт бартарӣ пайдо мекунад:

*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Бо назардошти ин маънӣ нигоранда пайвандаки "агар"-ро бо мақсади таъкиди шарт будани гуфтаҳои мавсуф дар ҳамаи 5 байт такроран овардааст.

Ногуфта намонад, ки дар ҳамаи байтҳои ғазал дар байни шартҳои гузоштаю амри омиронаи мавсуф, ки баъд аз калимаи "гуфт" оварда мешавад ва ҷавоби хеле хоксорона гуфтаи қаҳрамони лирикӣ, ки аз калимаи "гуфтам" воқеъ мегардад, як навъ муносибати хилофи якдигар ба назар мерасад, яъне, аз як тараф, шарти хеле сангину амри омирона, аз ҷониби дигар, ҷавоби фурӯтанона (ба чашм). Ин маънӣ чун воситаи муассир ба ҳиссиёти хонанда ё шунаванда таъсир мекунад. Дар натиҷа агар аз гуфтаҳои мутакаббиронаи мавсуф норизоӣ падид ояд, аз ҷавоби шикастанафсонаи қаҳрамони лирикӣ ҳисси тараҳҳум бедор мегардад:

*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар.*
*Гуфтам: Ба чашм.*

Ҳамин тавр, аз истифодаи устодонаи воситаҳои забонӣ ва услубие, ки сар то пойи забони ин ғазалро фаро гирифтааст, салосат ва балоғати сухани нигоранда зоҳир мегардад.

**Малик КАБИРОВ,**
**номзади улуми филология.**



*Дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона аз қадимулайём санъати кулолгарӣ ва ҳунармандӣ ривоҷ ёфтаанд, ёдгориҳои таърихиву мадание, ки аз ҷониби устоёни гулдаст сохта шудаанд, имрӯз ҳам суннатҳои миллиро барои оламиён намоиш медиҳанд.*

*Зиёратгоҳи Хӯҷа Рӯшонӣ-и ноҳия аз обидаҳоест, ки анъанаҳои асринаи моро муаррифӣ менамояд. Зиёратгоҳи мазкур ба наздикӣ бо васояти «Ўзсаноатқурилишбанк» таъмир гардид ва ба маскани обод табдил ёфт.*

***Дар сурат:*** *дар зиёратгоҳи Хӯҷа Рӯшонӣ-и ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ДАР ШАҲРИ САМАРҚАНД «ПРЕСС-КЛУБИ ҶАВОНОН» БАРГУЗОР ГАРДИД

***Дар маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд «Пресс-клуби ҷавонон» баргузор гардид.***

Дар ҷараёни вохӯрӣ оиди корҳое, ки дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ роҷеъ ба ҷавонон анҷом дода мешаванд, маълумот дода шуд.

Яке аз муроҷиаткунандагон, ходими робототехникаи IT-Parki Самарқанд Бекмурод Шукуров лоиҳаҳои стартапи худро тақдим намуд ва бо пешниҳоде ба ҳокими вилоят муроҷиат кард.

Ў гуфт, ки барои ҷиҳозҳои иловагии робототехника дар Самарқанд бояд мағозае кушода шавад. Чунки ходимони IT барои хариди ҷиҳозҳои иловагӣ ба Тошканд мераванду маблағи бисёр сарф мекунанд.

Сипас, масъалаи ёрирасонӣ ба онҳое, ки дар соҳаи технология иқтидори хуб доранду шароити молиявӣ надоранд, ба миён гузошта шуд.

Ҳокими вилоят пешниҳодро пазируфта, таъкид намуд, ки барои ҳалли ин масъала кӯмак мекунад.

Инчунин, донишҷӯйи Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд Фарангис Худоёрова арз кард, ки барои кушодани маркази хидматрасонии компутерӣ, тарҷумонӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ ба ҷавонон аз бонк кредити имтиёзнок гирифтан мехоҳад, аммо ба душвориҳо рӯбарӯ меояд. Ў гуфт, ки бо кушодани ин марказ панҷ нафарро бо кор таъмин мекунад.

Ин масъала таҳти назорати ҳокими вилоят қарор гирифта, халлу фасли он ба зиммаи кормандони бонкҳо гузошта шуд.

Аз ҷониби ҷавонон зиёда аз 25 муроҷиат ва таклиф тақдим гардида, лоиҳаҳои стартап пешниҳод шуданд. Масъалаҳо ба ташкилотҳои дахлдор супорида шуданд. Ҳоким ба муроҷиаткунандагон рақами телеграми худро дод, ки дар ҳолати ҳал нашудани муаммо ҷавонон метавонанд ба вай муроҷиат кунанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 841, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.